Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Дар асоси таҳлили автореферати диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” хулоса кардан имкон дорад, ки таҳқиқот ба чунин мавзуе бахшида шудааст, ки на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсояи он мубрам мебошад. Худи диссертант низ мубрамияти онро бо сабабҳои зерин нишон додааст, ки пурра асоснок мебошанд: нақши оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва мақоми он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа диди навро аз нигоҳи илми муосир бо мақсади ошкор сохтани тағйироти дар моҳияти он бавуҷудомада тақозо мекунад; омӯзиши ниҳоди оила, мавқеъ ва нақши он дар ҳаёти шахс ва ҷомеа аз он мубрам аст, ки то ҳол ягон ҷомеа бе оила ҳамчун танзимгари тартиботи мушаххаси иҷтимоии ҷомеа амал карда наметавонад, оила ягона ниҳоди беназир дар “такрористеҳсолкунӣ” ва тарбияи инсон мебошад; масъалаи танҳоии равонии одами муосирро ба ғайр аз оила ягон ниҳоди дигар пурра ҳал карда наметавонад; таҳқиқи масъалаи мазкур

вазифаи амалию ҳаётан муҳим барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мебошад ва ғайра.

Дар қисматҳои муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот дар автореферат тибқи талаботи мавҷуда мубрам будани мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда, объект ва мавзуи он ва ғайра пурра нишон дода шудаанд, ки таҳқиқотро ба таври мусбат муаррифӣ месозанд.

Дар боби якуми рисола “Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафии ниҳоди оила ва арзишҳои иҷтимоӣ” масъалаҳои моҳияти мафҳуми оила ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир, арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи имрӯза, инчунин мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ ба пуррагӣ ҳалли худро пайдо намудаанд.

Боби дуюми рисола “Тағйирёбии вазифаҳои ташаккул ва нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ дар оилаи муосири тоҷикистонӣ” ном дошта, дар он масъалаҳои ниҳоди оилаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва дар шароити ҷомеаи ҷаҳонии тағйирёбанда, таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир, арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва ғайра мавриди таҳқиқи амиқ ва асосноки илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар асоси таҳлили маводи бобҳои якуму дуюми рисола довталаб хулосаҳои худ - натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии онҳо пешниҳод намудааст, ки комилан асоснок, воқеӣ ва мубрам мебошанд. Аз ҷумла, дар автореферат одилона хулоса карда шудааст, ки тағйири оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, иртиботи қавии он бо ақидаҳои анъанавӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар, табиати зиддиятноки арзишҳои нав, ки дар раванди

навсозиҳо ба вуҷуд омадаанд, дар шароити ҷаҳонишавӣ барои ба эътидол овардани вазъ ва сохтори оила омили муҳим ҳисобида мешаванд.

Дар маҷмуъ, дар асоси автореферат хулоса кардан имкон дорад, ки мақсади таҳқиқот - муайянсозии нақши ниҳоди оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз ҷумла фарҳанги оиладорӣ дар даврони муосир ва таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба даст омада, вазифаҳои он пурра ҳаллу фасл шудаанд. Таҳқиқот аз навгониҳо (фаҳмиши муаллифии ниҳоди оила, муқаррар сохтани хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила - институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ, таҳқиқи заминаҳо ва омилҳое, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, дақиқсозии дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва ғайра) холӣ набуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пурра асоснок шудаанд. Таҳқиқот аҳаммияти мушаххаси назариявӣ ва илмию амалӣ барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дорад ва амсоли он. Дар мақолаҳои муаллиф мухтавои таҳқиқот инъикоси худро ёфтааст.

Дар баробари ин, дар автореферати рисола як қатор норасоиҳо ба назар мерасанд, ки барои ислоҳи онҳо чунин тавсияҳоро пешниҳод мекунем: 1) муаллиф нишон додааст, ки дар ҷомеаи тоҷикистонии муосир бояд ҳифзи шакли анъанавии оила ва ворид сохтани тағйироти зарурӣ ба он тибқи талаботи замон вазифаи асосии ҷомеа бошад, аммо хуб мебуд агар унсурҳои асосии чунин оила, ки бояд ҳифз шаванд, ба таври мушаххас нишон дода мешуданд; 2) дар матни автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ. 5, 12, 16 ва ғ.).

Аммо ин камбудиҳо ислоҳшаванда буда, дар якҷоягӣ бо тавсияҳои муқарриз ба сатҳи илмии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, дар асоси автореферат чунин ҳисобидан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили

иҷтимоӣ-фалсафӣ)" кори илмии комил ва анҷомёфта буда, муаллифи он Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

Ходими калони илмии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои фалсафа М. Азимова

16.01.2024

Имзои Азимова М.-ро тасдиқ мекунам:
нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Х.Шозедов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734058,
ш. Душанбе, кӯчаи Сино, 29/31
Email: marina-azimova@internet.ru. Тел: 907809066